# ХУЛОСАИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷииТоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**
**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15.03.2025, № 5**

Барои сазовор донистани Ҳакимзода Файзали Исматулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01-уми феврали соли 2023, таҳти №18/шд тамдидшуда) аз 04-уми январи соли 2025, суратмаҷлиси № 1 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 25-уми майи соли 1995 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар оилаи кор ба дунё омадааст. Соли 2013 литсейи рақми №2 барои хонандагони болаёқати Кӯлобро хатм намудааст.

Ҳакимзода Файзали Исматулло соли 2013 ба факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шуъбаи рӯзона дохил шуда, онро соли 2017 бо ихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба шуъбаи магистратураи донишгоҳи мазкур ба факултети забони англисӣ дохил шуда, онро соли 2019 бо дипломи сурх хатм намудааст. Соли 2021 ба шуъбаи рӯзонаи омоданамоии кадрҳои педагогӣ-омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси унвонҷӯ дохил шуда, онро соли 2024 хатм намудааст.

Аз соли 2019 то соли 2022 дар кафедраи забони англисӣ ба сифати ассистенти кафедра кору фаъолият намудааст.

Айни ҳол дар Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе ба ҳайси муовини декан оид ба корҳои таълимӣ кору фаъолият дорад.

Бо Ифтихорномаву сипосномаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумова назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва ғайра сарфароз гаштааст.

Бо роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент, **Ҷӯраев Хайём Акрамович** дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба пажуҳиши илмӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Ҷӯраев Хайём Акрамович**

**Муқарризони расмӣ:**
**Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;
**Азизова Мастона Ҳамидовна** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои филологӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич ва устодони кафедраи мазкур дотсент Муродов Баҳриддин Раҳмонович, котиби илмии ҷаласа номзади илмҳои филологӣ Давлатзода Файзиддин бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ шудааст. Қайд гардидааст, ки диссертатсияи **Ҳакимзода Файзали Исматулло** кори бaанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Қайд шуд, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 10 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

а) **Мақолаҳое, ки дар нашриҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] **Ҳакимов Ф.И.** Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ – №5. (106) 2023, с. 67-74.

[2-М] **Ҳакимов Ф.И., Ҷӯраев Х.А.** Таҳлили сохторӣ-маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ// Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ - №6. (107) 2023, с. 83-91.

[3-М] **Ҳакимов Ф.И.** Нақши воситаҳои грамматикӣ дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3, 2024, с. 150-156.

[4-М] **Ҳакимов Ф.И.**Таҳқиқи ҷумлаи пайрав аз нигоҳи забоншиносони рус // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. №2, 2024, с. 158-162.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-М] **Ҳакимов Ф.И.** Бо сарҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлили муқоисавии воситаҳои грамматикии алоқаи ҷумлаи пайрави пуркунанда. // Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ” – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023, с. 102-105.

[6-М] **Ҳакимов Ф.И.** Тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва проблемаҳои забоншиносии муосир – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023, с. 198-202.
[7-М] **Ҳакимов Ф.И.** Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрав ва мавқеи он дар забоншиносии англис // Масъалаҳои назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ - Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023, с. 187-191.
[8-М] **Ҳакимов Ф.И.** Вижагиҳои ифодаёбии ҷумлаҳои мураккаб дар забони англисӣ ва муодили онҳо ба забони тоҷикӣ // Масъалаҳои назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023, с. 198-200.
[9-М] **Ҳакимов Ф.И.** Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони тоҷикӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бахшида ба 115 солагии аввалин омӯзгори тоҷик аз забони олмонӣ дар Тоҷикистон, яке аз чекистони тоҷик дар Олмон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи ордени Спитамен дараҷаи аввал - Раҳим Бурҳонов (18 майи 2024), Душанбе: 2024, с. 140-142. (дар ҳаммуаллифӣ).
[10-М] **Ҳакимов Ф.И.** Роҳҳои корбасти муносибатҳои ҳамзамонӣ дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ ва усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар шароити муосир, Бахшида ба амалигардонии « Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ», - Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024 с. 168-170.

**III. Воситаҳои таълимие, ки ба табъ расидаанд:**

[11-М] **Ҷӯраев Х.А., Маҳмадов Н., Ҳакимов Ф.И.** Муқаддимаи забоншиносӣ. Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, - Душанбе: 2023, с.184.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. Тақризи ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Мухторов Зайниддин Мухторович** мусбат буда, ба автореферат се эрод гирифтааст:

А) Дар раванди ҷамъоварии мавзуи мазкур аз сарчашмаҳои зиёде иқтобос овардааст, хуб мешуд ки ҳар як мафҳуми марбутаро муаллиф бо вомҳои таърихиашон нишон медод.

Б) Агар муҳаққиқ дар заминаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба сарчашмаҳои таърихӣ ва қомусномаҳои дигар муаллифон ва забоншиносон назар меафкананд, ин кор хело хуб мешуд.

В) Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с. 9, 10, 16 ва ғ.).

2. Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Саидзода Ҳалим Азиз** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А) Муҳаққиқ гарчанде ки ҳангоми пажуҳиши вижагиҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда зиёдтар ба воситаҳои грамматикии ин намуди ҷумла диққати хосса дода бошад низ, таҳлили мавқеи мувофиқати феълҳои таркибӣ ҳамчун воситаи грамматикӣ дар сохтани баъзе ҷумлаи пайрави пуркунанда аз назари муаллиф дур мондааст.

Б) Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан иштибоҳоти имлоӣ, техникӣ ва китобат ҷой доранд (с. 6, 9, 14, 42 ва ғ.).

3. Тақризи мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент номзади илмҳои филологӣ **Наврузшоев Баҳриддин Хушҳолович** мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Агар муаллифи диссертатсия ба таҳқиқотҳои забоншиносони хориҷӣ низ такя менамуд, бисёр хуб мешуд.

Б) Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (5, 8, 13) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ муаллими калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров **Усмонова Рухшона Раҳматовна** низ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А) Дар диссертатсия пайи ҳам иқтибосҳоро овардан, кори шоҳиста нест. Чунин ҳолат дар саҳифаи 9-и фишурдаи диссертатсия ба чашм мерасад.

Б) Хуб мешуд, ки диссертант бештари таваҷҷуҳи таҳқиқоти худро ба рисолаву корҳои манзуми забоншиносон ва типологони русу англис такя менамуд, то ки ҳусну фасоҳати диссертатсия дигаргун мегашт.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло ба таҳқиқ ва омӯзиши ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Диссертатсияи мазкур дар забонишиносии муқоисавӣ-типологӣ **бори аввал** мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор дода шудааст. Бояд гуфт, ки дар он асосан сухан аз боби хусусиятҳои типологии сохториву маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда (ҶПП) таҳқиқот рафта, дар шакли диссертатсия дастраси омӯзандагон ва мутахассисони забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мегардад, мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шудааст. Илова бояд намуд, ки яке аз навигариҳои дар кор ҷой дошта, ин ҳам бошад, ба таври комил таснифу таҳқиқ намудани вижагиҳои фарқкунанда ва шабеҳиятнокии ҷумлаи пайрави пуркунанда - и забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб рафта, тиҳигиҳои мавҷударо **пурра мегардонад**. Яке аз навгониҳои дигари рисола дар он зуҳур меёбад, ки масоили марбута дар забонҳои муқоисашаванда нахустаҳқиқ мебошад. Бояд ишора намуд, ки дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи фавқ ба таври бояду шояд таҳқиқот анҷом дода шудааст. Аммо ин таҳқиқоти анҷомдодаӣ мо ба таври як рисолаи илмӣ мебошад, ки он ҳам бошад барои наслҳои оянда хидмат хоҳад намуд.

Бахши назариявии диссертатсия ба таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати муқоисавӣ асос ёфтааст.

Диссертатсияи мазкур як таҳқиқоти муҳимми анҷомёфта буда, аҳаммияти амалии зеринро дорост. **Исбот шудааст**, ки ҳамчун дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултаҳои забонҳои хориҷӣ хизмат мекунад; ҳамчун курси махсус барои донишҷӯёне, ки забони таҳсилашон забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аст; ҳамчун маводи ёрирасон аз фанҳои “Амалияи грамматикаи забони англисӣ” ва “Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” дар факултетҳои забонҳои хориҷӣ; мураттаб сохтани барномаҳои таълимӣ ва корӣ аз фанҳои “Амалияи грамматикаи

забони англисӣ” ва “Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” дар факултетҳои забонҳои хориҷӣ.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ таъмин буда, бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфтааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он **асоснок карда шудааст**, ки аз дастовардҳои илмӣ, принсипҳо ва усулҳое, ки забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ин мавзуъ таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд, ба таври васеъ истифода гардидааст.

Ақидаҳои асили вобаста ба мавзу, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд, хулосаҳои диссертант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда **исбот шудааст**.

Вобаста ба вазифаҳои гузошташуда дар диссертатсия самаранок  аз методи муқоисавӣ ва типологии таҳқиқот дар забоншиносӣ **истифода шудааст**. Гузашта аз ин, аз роҳҳо ва усулҳои таҳлили маъноӣ, луғавӣ-сарфӣ ва таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар асоси осори «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ баҳрабардорӣ гардидааст.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқу пажуҳиши таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст ва ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ **мутобиқат менамояд**.

**Аҳаммияти натиҷаҳои** бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мешаванд, ки масъалаи марбута ба ҳаллу фасли вижагиҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар пояи маводҳои таҳлилшуда **муайян карда шудаанд**.

Зимни таҳқиқ ва пажуҳиши маводи диссертатсия аз осори мондагори забоншиносони ватаниву хориҷӣ бар пояи маводи ғуновардаи худ таҳлилу баррасиро перомуни ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом додаем, ки маводи фавқ ҷиҳати омӯхтани ҷумлаи пайрави пуркунанда ҳамчун маводи боварибахш ва муътамади илмӣ барои наслҳои минбаъда **офарида шуд**.

Дар заминаи диссертатсияи мазкур ба табъ расонидани дастур ва воситаҳои таълимӣ аз фанҳои «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Грамматикаи амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ва «Назарияи грамматикаи забони англисӣ» дар оянда **муаррифӣ карда шуд**.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки дар диссертатсия ҳангоми таҳқиқу тасниф намудани ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ бо мисолҳои муътамад такя намудаем, ки масоили марбута метавонад, ба омӯхтани дигар намуди ҷумлаҳои пайрав аз нигоҳи муқоиса чун маводи зарурӣ кӯмак расонад. Таҳқиқоти фавқ дар асоси сарчашмаҳо ва манбаъҳои муътамади дастурии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом дода шудааст, ки маводи мазкур ба омӯзиши ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи забонҳои муқоисашаванда мусоидат карда метавонад.

**Ғоя асоснок шудааст дар асоси асари** «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ, рисолаву китобҳои олимони ватаниву хориҷӣ.

Заминаи таърихии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, нақш ва ҷойгоҳи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **муайян шудаанд**.

Дар диссертатсияи мазкур усулҳои муқоисавӣ ва типологии забоншиносӣ истифода шудаанд. Бинобар ин, маводҳои ҳар яке аз ин забонҳои муқоисашаванда аз рӯйи сохторашон таҳлил карда мешаванд.

Инчунин, усули мушоҳида ва ҳамчунин усули оморӣ ҳангоми таҳлили ҷумлаи пайрави пуркунанда **истифода шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор мегирад ва вижагиҳои корбасти ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, ҳамчунин, монандӣ ва шабоҳатнокии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои муқоисашаванда ошкор гардиданд.

Диссертант муаллифи 10 мақолаи илмӣ ва 1 васоити таълимӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 15-уми марти соли 2025, таҳти №5 дар бораи ба Ҳакимзода Файзали Исматулло додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар аъзои Шуро иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 11 нафар овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор — Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент — Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна

«15» - уми марти соли 2025